ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ДОНИШГОҲИ
ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 336.2 (575.3)**
**Ҳ- 17**

**ҲАЛИМОВ ИНОМҶОН МАМАДҶОНОВИЧ**

# РУШДИ НИЗОМИ ПАРДОХТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз**

**ДУШАНБЕ – 2023**

Диссертатсия дар кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд анҷом дода шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Собирзода Нуралӣ Миралӣ –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Шарипов Бахром Маҳмудович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими илмии Шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| | **Бобоев Нозимҷон Мансурович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва андози МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия санаи 02-юми марти соли 2024, соати $14^{00}$ дар маҷлиси шурои диссертатсионии **6D.КОА-003** назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд. 102, E-mail: **6d.коа-003@mail.ru,** телефони котиби илмӣ: (+992) 917-24-24-83.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сомонаи расмии он (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _______________ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Қурбонов А. К.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити муосир рушди низоми пардохт яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини рушди устувори иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз бартариҳои пардохтҳои ғайринақдӣ дар раванди иҷрои ӯҳдадориҳо ва пардохти ҳаққи хидматҳо таъмини амният ва кам кардани хароҷоти транзаксия мебошад, ки барои ба даст овардани фоидаи иловагӣ мусоидат мекунад. Асоси онро рушди пардохтҳои ғайринақдӣ дар заминаи такмили низоми пардохт ташкил медиҳад, ки он ба ҳадафи саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар ва рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ мувофиқ аст. Дар баробари ин, дар ин раванд технологияҳои иттилоотӣ инкишоф ёфта, боиси эҷоди роҳҳои иловагии ҳамкории истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон мегардад, ки дар натиҷа иштирокчиёни раванди такрористеҳсолкуниро ҳавасманд мекунанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 23.12.22 зикр шудааст, ки «Бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ зарур аст, ки аз 1-уми июли соли 2023 пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шавад. Вобаста ба ин, аз ҷониби Вазорати молия ва Бонки миллӣ ҷиҳати таъсис додани махнизми ягонаи маълумот доир ба суратҳисоби ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти тамоми хизматрасониҳои давлатӣ бояд тадбирҳои зарурии фаврӣ ва қатъӣ андешида шаванд. Ба Бонки миллӣ зарур аст, ки якҷоя бо Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади тавсеаи фарогирии молиявӣ дар кишвар барои рушди шабакаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, таъмин намудани гуногуншаклии хизматрасониҳои молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии онҳо чораҷӯӣ намояд»[1].

Зикр кардан зарур аст, ки ин иқдом дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодӣ барои тараққиёти пайвастаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи низоми пардохтӣ, афзоиши ҳиссаи хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ, такмили босуръати технологияи коркард ва ҳифзу пешниҳоди иттилоот оиди пардохтҳо байни субъектҳои иқтисодӣ, қадами аввалин буда, дарояндаи наздик дигар намудҳои пардохтҳоро низ дар бар мегирад. Илова ба ин, пардохтҳои ғайринақдии байни афроди алоҳида, байни соҳибкорон ва пардохтҳои байналмиллилӣ тақвият мeёбад. Яъне, рушди минбаъдаи технологияҳо ва инфрасохтори молиявӣ метавонад ба рақамикунонии низоми муносибатҳои молиявӣ, пулию қарзӣ ва низоми бонкӣ таъсири ҷиддӣ

[1]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022. URL.http://prezident.tj/node/29823 (санаи муроҷиат 26.12.2022)

расонида, барои таъмини рақобатпазирӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд.

Боиси таъкид аст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба масъалаи стандартизатсия, назорат ва баҳодиҳии фаъолияти низоми пардохт ва хизматрасониҳои пардохтӣ диққати хоса дода мешавад. Нақши калидиро дар ин самт институтҳои молиявии ҷаҳонию минтақавӣ ва бонкҳои марказии давлатҳо иҷро менамоянд. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди инфрасохтори молиявӣ яке аз самтҳои муҳими такмилталаб дар бахши молиявии кишвар муайян шудааст, ки дар таркиби он рушди низоми пардохти миллӣ, алалхусус пардохтҳои ғайринақдӣ, муҳимтарин ҷузви он арзёбӣ мегардад.

Ба таври густурда ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти сохторҳои бонкӣ омӯзиши системавии асосҳои идоракунии самараноки низомҳои пардохтиро тақозо менамояд. Табиати иқтисодиёти рақамӣ ҳанӯз аз ҷониби олимон пурра ва ҳамаҷониба омӯхта нашудааст. Таъсири мусбати технологияҳои рақамӣ ба низоми пардохти миллӣ далели раднопазир аст, вале истифодаи васеъи онҳо мушкилоти зиёдеро низ ба бор меорад, ки онҳоро нодида гирифтан ғайриимкон аст. Аз сӯи дигар, такмили низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамисозӣ омили таъмини рақобатпазирии сохтори бонкии кишвар мебошад. Қафо мондан аз ин тамоюл маънои аз даст додани мавқеи рақобатиро дар бозори молиявӣ дорад. Ҳамин тариқ, дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои рушди низоми миллии пардохт, бахусус хизматрасонии пардохтҳои ғайринадӣ аз ҷиҳати назариявию методологӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Ҳамаи ин аҳамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро муайян мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асосҳои назариявии пардохтҳо дар раванди такрористеҳсолотро чунин олимони иқтисоддон, аз қабили И. Фишшер, А. Маршал, Ҷ. М. Кейнс, Г. Саймонс, А. Лаффер, Л. Валраса, Л. Андерсон ва дигарон барасӣ намудаанд. Асарҳои олимони мазкур аз бисёр ҷиҳат ба ташаккули механизми пардохтҳо ва низоми пардохт дар шароити иқтисоди бозорӣ мусоидат кардаанд.

Масъалаҳои марбут ба моҳияту вижагиҳои низоми пардохт дар асарҳои олимоне чун Ҷ. Брюс, П. В. Берг, С. А. Полишук, О. И. Лаврушин, Р. Ю. Лисенко, Н. В. Байдукова, А. Г. Гузнов, Н. А. Савинская, К. Б. Герасимов, В. М. Усоскин, В. Ю. Белоусова ва дигарон тадқиқ шудаанд. Онҳо моҳияти низоми пардохтро асоснок карда, хусусиятҳои фаъолияти низоми мазкурро дар шароити тамаркузи баланди такрористеҳсолот дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва байналмилалӣ муайян намудаанд.

Проблемаҳои рушди низоми пардохти миллӣ дар заминаи сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва фискалӣ дар иқтисоди рақамӣ дар корҳои П. Б. Антонов, С. К. Михайлов, К. Л. Карамов, Т. Д. Исаков, Х. Т. Попов, Ҷ. П.Ҷонсон, К. Л. Столеберг, В. Ҷ. Стефан, Ҷ. Ҳ. Абрамов ва ғайра баррасӣ шудаанд.

Масоили рушди низоми бонкӣ ва инфрасохтори бахши молиявӣ дар асрҳои олимони ватанӣ, аз қабили Н. Қ. Қаюмов, Р. Қ. Раҳимов, Х. У. Умаров, Ш. Раҳимзода, Қ. Х. Хушвахтзода, З. С. Султанов, З. А. Раҳимов, У.С. Хикматов, Б. М. Шарифзода, Т. Р. Ризоқулов, И. Х. Давлатов ва ғайра таҷассум ёфтаанд. Муаммоҳои рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақмикунонии иқтисодиёт дар асарҳои Н.М. Бобоев, И.Р. Иброҳимзода, Н. М. Собирзода, Б. М. Ҷураев ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Бо вуҷуди таҳқиқотҳои сершумор, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои алоҳидаи низоми пардохт ва хизматрасониҳои пардохтӣ бахшида шудаанд, муаммоҳои рушди низоми пардохти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус, пардохтҳои ғайринакдӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ, то ҳол ба қадри зарурӣ таҳқиқ нашудаанд. Равишҳои методии танзими тараққиёти низоми пардохти миллӣ, омилҳои таъсиррасон ба он, самаранокиии низоми пардохти миллӣ, механизми такомули идоракунии низоми пардохти миллӣ то ҳол ба дараҷаи кофӣ тадқиқ нашудаанд. Мавориди фавкуззикр интихоб ва мубрамияти мавзуи кори диссертатсиониро асоснок ва аҳамияти онро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон муайян намуданд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, таҳти № 392), Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 -2025, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2018, № 565 «Дар бораи чораҳои густариши пардохтҳои ғайринакдӣ», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ (аз 22 июни соли 2023 № 586), Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (бахши илмҳои иқтисодӣ-бандҳои 1,7,8), инчунин Накшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар мавзӯи «Низоми пардохти миллӣ дар вусъатдиҳии пардохтҳо дар иқтисоди миллӣ ва аҳамияти ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар ташаккули иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-методии низоми пардохт ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар кори диссертатсионӣ ҳалли чунин вазифаҳо муайян карда шудаанд:

1.Таҳқиқи ҷанбаҳои илмию назариявии низоми пардохт дар доираи консепсияҳои илмии иқтисодӣ;

2.Баррасии равишҳои методии танзими низоми пардохти миллӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити муосир;

3.Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди низоми пардохти миллӣ, алалхусус пардохтҳои ғайринақдӣ ва арзёбии имконияти ҷорӣ намудани он дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4.Таҳлили ҳолати муосири ташаккулёбии низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишондиҳандаҳои тараққиёти пардохтҳои ғайринақдӣ;

5.Гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасон ба низоми пардохти миллӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6.Таҳияи тавсеаҳо оид ба самтҳои асосии такомули танзими низоми пардохти миллӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

7.Коркарди алгоритми такомули низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти кори диссертатсионӣ низоми амалкунандаи пардохти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. **Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Ба сифати предмети кори диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявӣ-методии ташккул ва рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба шумор меравад.

**Фарзияи таҳқиқот**. Вобаста ба мақсади гузошташуда дар таҳқиқот ақидае пешниҳод мегардад, ки дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркарди низоми пардохти миллии мукаммал барои ноилгардидан ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар шароити мусоид фароҳам меорад. Дар ин раванд, низоми пардохти миллии рушдёфта ба пардохтпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ ва тадриҷан афзоиш ёфтани сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт, инчунин самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва фискалии давлат тавассути инкишофи пардохтҳои ғайринақдӣ ва самаранокии хизматрасониҳои пардохтӣ замина мегузорад.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки ба назарияи иқтисодӣ, молия ва қарз, менеҷмент, бонкдорӣ, низоми пардохт бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Барои асоснок кардании муқарраротӣ назариявии кори диссертатсионӣ консепсияҳои мактабҳои мухталифи иқтисодӣ, аз ҷумла кейнсгароӣ, монетаризм, назарияи иқтисодии пешниҳодӣ, консепсияи неоклассикҳо ва институтсионалистон дар шарҳи муосири он мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои умумиилмии таҳқиқот индуксия ва дедуксия, ҷамъбандӣ, қиёс, асбстраксияи илмӣ, мушаххасгардонӣ, мушоҳида, муқоиса, тренд, арзёбии экспертӣ истифода шудаанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои махсуси зерин истифода шудаанд: гурӯҳбандӣ, фарқият, усули индексӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои нисбӣ, таҳлили омилӣ, таҳлили муқоисавӣ, ҷамъбаст ва гурӯҳбандии маълумот, усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва монографӣ ва амсоли он.

**Сарчашмаи маълумоти** таҳқиқотро таълифоти мухталиф, аз ҷумла асарҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ дар соҳаи хизматрасониҳои пардохтӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи молияи давлатӣ, фармону дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳо ва омори нашрнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин, ҳисоботҳои баъзе ташкилотҳои қарзӣ ташкил кардаанд. Дар раванди таҳияи кори диссертатсионӣ манбаъҳои электронии интернетӣ, маводи низомбандишудаи эмпирикӣ, арзёбии экспертии муаллиф, ва дигар манбаҳо ба таври фарох ва бо назардошти саҳеҳияти махзанҳо истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2015-2023-ро дар бар мегирад. Диссертатсия дар кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навоварии илмии тадқиқот** дар асоснокунии ҷанбаҳои назариявӣ – методии рушди низоми пардохти миллӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оиди мукамалгардони фаъолияти низоми пардохи миллӣ Тоҷикистон дар шароити рақамикунони иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқот, ки унсурҳои навовариҳои илмиро инъикос мекунанд, инҳоянд:

1. Моҳияти иқтисодии низоми пардохт дар асоси тафсири муаллифии мафҳуми он, ки низоми миллии пардохтро ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳими инфрасохтори молиявии кишвар ва омили таъмини саривақтӣ ва бехатари пардохтҳо ва ҳисоббаробаркунӣ дар фаъолияти иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ таъриф менамояд, ошкор карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки менеҷерҳо ва истифодабарандагони низоми пардохтӣ бояд талаботи қонунгузории амалкунандаро риоя кунанд, ки ин ба фаъолияти устувори низоми молиявии кишвар ва татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва буҷетӣ мусоидат намуда, рушди устувори иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд;

2. Принсипҳо ва шартҳои асосии ташаккул ва идоракунии самараноки низоми пардохтии миллӣ бо таваҷҷуҳ ба афзалияти беҳтар намудани функсияи тақсимоти он дар раванди муомилоти захираҳои молиявӣ дар иқтисодиёт, кушодагии низоми пардохтии миллӣ ва якпорчагии унсурҳои алоҳидаи он асоснок карда мешаванд, ки ба иштироки самараноки субъектҳои танзими низоми миллии пардохт ва фаъолияти устувори он дар доираи риояи меъёрҳои қонунгузории кишвар, дар асоси афзалиятҳои стратегии ноил шудан ба параметрҳои рушди устувори бозори молиявӣ, метавонанд мусоидат намоянд;

3. Самтҳои афзалиятноки ҷорӣ намудани таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ташаккул ва такмили низоми пардохти миллӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудаанд, ки ба васеъ намудани хизматрасониҳои пардохтӣ, рақамикунонии амалиёти пардохтӣ, таҳия ва татбиқи низоми пардохти фаврӣ, ташаккули пардохти рақобатпазир, беҳтар намудани

амнияти пардохтҳо, ҷорӣ намудани навоварӣ дар ва рушди инфрасохтори низоми пардохт бо назардошти ҳамкориҳои муассир бо шариконі хориҷӣ, пеш аз ҳама, ба Федератсияи Русия ва Чин, равона шудаанд;

4. Дар низоми фаъолияти низоми миллии пардохтии Тоҷикистон ихтилофҳо ошкор карда шудаанд, ки ба рушди нобаробарии хизматрасониҳои пардохтӣ, аз номутобиқатии шумораи суратҳисобҳои дастрасии фосилавии шахсони воқеӣ бо суратҳисобҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ истифода мешаванд, шаҳодат медиҳанд. Инчунин, дар таносуби суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ бо пули миллӣ ва ҳаҷми амалиётҳо тавассути системаҳои пардохтӣ (Осон, Экспресс Payment, Мигом ва ғайра) ва амалиёт бо кортҳои пардохтӣ ва шумораи пардохтҳои электронӣ тавассути Интернет ихтилоф мушоҳида мешавад. Илова бар ин, гирифтани пули нақд бо истифода аз пардохти ҳаҷми зиёди муомилотро кортҳо ташкил медиҳанд ва мавқеъи операторони системаҳои пардохтии миллӣ аз рӯи ҳаҷми пардохтҳо тавсеаро тақозо мекунад;

5. Омилҳое, ки ба фаъолияти низоми пардохтии миллӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шуданд, аз ҷумла: кам шудани шумораи субъектҳои хизматрасониҳои пардохтӣ дар ҷумҳурӣ; суръати баланди афзоиши гардиши пули нақд нисбат ба пули ғайринақдӣ; мавҷуд будани камбудиҳо дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ; баланд шудани суръати таваррум дар мамлакат, кам шудани суръати афзоиши хачми умумии пардохтҳо бо назардошти таваррум; кам шудани интиқоли пул ба кишвар нисбат ба афзоиши ММД; нархи баланди хидматрасонии интернетӣ; сатҳи пасти амнияти иттилоотӣ; индекси пасти ҳукумати электронӣ ва тиҷорати электронӣ дар кишвар, ҳиссаи ками пардохтҳо тавассути телефонҳои мобилӣ дар ҳаҷми умумии пардохтҳо, кам шудани шумораи ташкилотҳои қарзӣ ва таҷҳизот барои хизматрасониҳои пардохтӣ, инчунин коҳиши ҳаҷми пардохтҳо дар фаъолияти ғайрирезидентҳо ва ғайра.

6. Самтҳои такмили идоракунии системаи пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти шартҳои зерин пешниҳод шудаанд:

– такмили заминаи институтсионалии фаъолияти НПМ, мусоидат ба кушод будан ва якпорчагии он;

– рушди инфрасохтори НПМ дар асоси васеътар ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба системаҳои муосири пардохт;

– тавсеаи ҳамкории байнибонкӣ бо назардошти рушди интернет-банкинг;

7. Алгоритми такмили фаъолияти низоми пардохти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба рушди инфрасохтори молиявӣ ва навсозии низоми пардохти миллӣ коркард шудааст, ки ҷанбаҳои ташкилӣ, инфрасохторӣ, коммуникатсионӣ, инноватсионӣ ва иттилоотии мукаммалгардондании механизми идоракунии ҷараёни муносибатҳои молиявию иктисодии кишварро дар бар мегирад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз инҳо иборат аст:**

- пешниҳоди мафҳуми "низоми пардохти миллӣ" чун маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманди муносибатҳои молиявию қарзии ба таври динамикӣ инкишоф ёбанда, ки танзими мақсаднокро бо мақсади баланд бардоштани самаранокии сиёсати молиявӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт тақозо мекунад;
- равишҳои методологии танзими рушди низоми пардохти миллӣ бо таваҷҷуҳ ба арзёбии самаранокии рушди унсурҳои таркибии он, ки имкон медиҳад мушкилот ва зиддиятҳои фаъолияти онҳо ошкор карда шаванд;
- ба низом даровардани мушкилот, зиддиятҳо, омилҳои рушд, омилҳои боздоранда ва тамоюлҳои хоси ташаккули НПМ дар шароити Тоҷикистон;
- маҷмӯи тавсияҳо оид ба рушди инфрасохтори НПМ дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба низомҳои муосири пардохт;
- алгоритми такмили фаъолияти низоми пардохти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷанбаҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии низоми пардохтӣ бо истифода аз рушди заминаи институтсионалӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои байнибонкӣ пешниҳод гардидааст;
- омилҳои ба ҷараёни фаъолияти низоми пардохт таъсирбахш мушаххас гардида, роҳҳои коҳишдиҳии онҳо коркард гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар асосноккунии назариявӣ ва методии такмили механизми низоми пардохти миллӣ дар асоси консепсияҳои муосири иқтисодӣ зоҳир мешавад. Дар диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ мундариҷаи иқтисодии мафҳуми "низоми пардохт" ва "низоми пардохти миллӣ" таҳқиқ шудаанд. Равишҳои танзими низоми пардохти миллӣ ва унсурҳои таркибии он аз ҷиҳати назариявию методӣ шарҳ дода шудааст; ҳамчунин механизми такмили низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози мукаммалгардонии заминаҳои қонунгузорию меъёрӣ баррасӣ гардида, роҳҳои рушди низоми пардохти нисбатан мукаммал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ.** Пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо ба сифати воситаи тасҳеҳи сиёсати пулию қарзӣ, ба мақсади боз ҳам такмил додани механизми амалии низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми таҳияи лоиҳаи стратегияю барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тараққиёти низоми пардохти миллӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва

тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси “08.00.07 – Молия, гардиши пул ва қарз” мутобиқат мекунад: 8.3. Пул дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ. Шаклҳои пул ва пулҳои қалбакӣ. Пулҳои электронӣ: вижагиҳо, идоракунӣ ва дурнамои рушди онҳо; 8.4. Механизми гардиши пули накдӣ ва ғайринақдӣ; 8.5. Равишҳои андозагирии массаи пул: проблемаҳои истифода ва муносибгардонӣ; 8.8. Ташкили системаи самараноки пардохтӣ ва афзори ҳаллу фасли буҳрони пардохтӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалӣ ба рушди низоми пардохти миллӣ бо назардошти хусусиятҳои рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ самтҳои асосии такмили идоракунии низоми пардохти миллӣ муайян ва тавсияҳои мушаххас оид ба такмили механизми НПМ дар шароити татбиқи иқтисодиёти рақамӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардида, нишондиҳандаҳои рушди НПМ пешгӯӣ ва алгоритми такмили НПМ коркард шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои назариявӣ, амалӣ ва методии диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, конференсияҳои ҳайати профессорону устодони Донишкадаи иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи давлати Тиҷорати Тоҷикистон ироа гаштаанд.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот аз тарафи Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (маълумотномаи № 12 аз 13.01.2023) истифода бурда шудааст. Инчунин, дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои “Ташкили фаъолияти Бонки миллӣ”, “Ташкили фаъолияти бонки тиҷоратӣ”, “Фаъолияти бонки амонатӣ”, “Фаъолияти бонкӣ”, “Танзим ва назорати асъор” ва “Менеҷменти бонкӣ” дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маълумотномаи № 61 аз 16.01.2023) истифода шудааст.

**Интишорот аз руи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 11 кори илмӣ бо ҳаҷми умумии 5,7 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 3,6 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса ва тавсияҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 162 сарчашмаро фарогир аст, иборат мебошад. Матни асосии диссертатсия 209 саҳифаро ташкил медиҳад. Диссертатсияи мазкур 40 ҷадвал, 7 расм, 3 диаграммаро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** муҳимияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян гардида, тавсифи асосии назариявӣ-методологии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаб оид ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, нашрияҳо дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми рисола дарҷ гардидааст.

***Дар боби якум*** – **«Консепсияҳои низоми пардохт дар илми иқтисодиёти муосир»** , асосҳои назариявии ташаккули низоми пардохт ва ҷанбаҳои методии идоракунии самараноки низоми пардохти миллӣ, инчунин таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди низоми пардохт мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

***Дар боби дуюм*** – **«Баҳодиҳии ҳолат ва тамоюли тараққиёти низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”,** таҳлили ҳолати муосири ташаккулёбии низоми пардохти миллӣ амалӣ шуда, омилҳои таъсиррасон ба рушди низоми пардохти миллӣ таҳқиқ гардидааст ва баҳодиҳии идоракунии низоми пардохт дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллӣ амалӣ карда шудааст.

***Дар боби сеюм*** – **«Стратегияи таъмини ташаккули низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, самтҳои асосиии такомули идоракунии низоми пардохти миллӣ асоснок гардида, такмили асосҳои институтсионалии низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ баррасӣ карда шудааст, инчунин, дурнамои рушди низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмӣ ва пешниҳодҳо аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Натиҷаҳои илмӣ, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро шартан дар доираи гуруҳи муаммоҳои бо ҳам алоқаманди назариявию методӣ, ташкилию танзимотӣ ва институтсионалию асосҳои ташаккули низоми пардохти миллии самаранок баррасӣ намудан мумкин аст.

**Натиҷаҳое, ки ба гуруҳи якуми муаммоҳо** тааллуқ доранд, дар асоснок намудани муқаррароти ҷадиди низоми пардохт ва таҳқиқи ҷанбаҳои методии идоракунии самараноки низоми пардохти миллӣ бо назардошти хусусиятҳои замони муосир ва рушди ояндаи низоми пардохт ифода меёбанд.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки масъалаҳои идоракунии пул дар иктисодиёт ва зарурияти он дар доираи консепсияҳои гуногуни иктисодӣ таҳқик карда мешаванд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ нишон медиҳад, ки назарияи микдори пул баъд аз бӯҳрони солҳои 30-юми асри 20 ба таври куллӣ пеш рафтааст. Дар ин давра механизми ба даст овардани мувозинати талабот ва пешниҳоди пул на танҳо аз ҳисоби истифодаи захираҳои иктисодӣ, балки бо роҳи танзими давлатии раванди муомилоти пул кор карда шуд. Дар ин бобат роли мактаби Чикаго, ки механизми амалӣ гардондани сиёсати пулию кредитиро дар шароити нави иктисодӣ ва

иҷтимоӣ пешниҳод кардааст, хеле муҳим аст. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявии танзими ҳаҷми пул дар муомилот нишон медиҳад, ки ҷонибдорони мактабҳои неоклассикӣ ва неолибералӣ вобастагии миқдори пул ва тавозуни талабот ва пешниҳоди пулро аз сармояи қарзӣ, ҳамчунин вобастагии онҳоро бо амалиёти қарздиҳии бонкӣ шарҳ додаанд.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки генезиси мафҳуми «низоми пардохт»-ро метавон дар доираи соҳаҳои гуногуни молиявӣ (сиёсати пулию қарзӣ ва бозорҳои молиявӣ) баррасӣ кард. Мафҳуми "низоми пардохт" бояд дар чаҳорчӯби қонунгузории давлатӣ ва пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ таҷдиди назар карда шавад. Системаи миллии пардохти яке аз ҷузъҳои муҳими инфрасохтори молиявии кишвар буда, барои сари вақт ва бехатар анҷом додани пардохтҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо дар раванди фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, инчунин аҳолӣ, бо назардошти васеъ ҷорӣ намудани технологияи информатсионӣ ва инноватсионӣ, дар асоси механизми самараноки идоракунии ин раванд истифода мешавад. Дар доираи фаъолити худ роҳбарон ва истифодабарандагони ин низом вазифадоранд, ки талаботи қонунгузории амалкунандаро риоя намоянд, зеро он ба фаъолияти устувор ва мунтазами низоми молиявии кишвар, инчунин ҷиҳати ба амал баровардани сиёсати самарабахши пулию қарзӣ ва буҷетӣ мусоидат менамояд, ба раванди такрористеҳсолкунӣ ва даромади маблағҳо ва, умуман, ба тараққиёти устувори иқтисодии миллӣ кумак менамояд.

Дар диссертатсия таъкид мешавад, ки низоми пардохт назар ба низоми пардохти миллӣ мафҳуми васеътар дорад ва маҷмӯи ташкилотҳои муайянро дар бар мегирад, ки бо мақсади саривақту бехатар гузаронидани пардохтҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо дар дохил ва хориҷи кишвар мутобиқи қоидаҳои низоми пардохт якҷоя амал намуда, ба тақсиму бозтақсими даромадҳо дар иқтисодиёт ва гардиши савдои хориҷӣ мусоидат мекунад ва яке аз омили муҳими таъсиррасон ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Ба ҷузъ аз унсурҳои мустақили дар муҳити низоми пардохт ё худ экосистемаи ин низом ташаккулёфта ва унсурҳои таркибии он мавҷуданд, ки муҳимтарини онҳо ин вазифаю принсипҳои низоми пардохт мебошанд.

Дар кори диссертатсионӣ қайд шудааст, ки идоракунии самараноки низоми пардохти миллӣ ба ташаккул ва азнавтақсими захираҳои молиявӣ дар иқтисодиёт мусоидат менамояд. Дар ташаккулу азнавтақсикунии захираҳои молиявӣ дар иқтисоди миллӣ нақши калидиро низоми молиявӣ мебозад. Аз ин нуктаи назар танзими меъёрию ҳуқуқии низоми пардохт дар раванди амалӣ гардидани рисолати низоми молиявӣ ва сиёсати молиявӣ зарур мегардад. Дар идоракунии низоми пардохти миллӣ ваколатҳои Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардашуда, назорату мушоҳидаҳо амалӣ мегардад ва гардиши пардохтҳо танзим карда мешаванд. Инчунин, ҷаъмшудан тақсиму азнавтақсими фондҳои пулии муттамарказу ғайримуттамарказ сурат мегирад, ки самаранокии низоми пардохти миллиро дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ нишон медиҳад (расми 1).




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

**Расми 1. – Самараи мултипликативии низоми пардохт дар низоми омилҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Дар баробари ин давлат тавассути системаи муттаҳидаи миллии пардохти ин ё он сиёсати иқтисодии соҳавӣ дар чунин соҳаҳои муҳим, аз қабили сиёсати пулию қарзӣ, буҷетӣ, асъорӣ, сармоягузорӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ амалӣ карда мешавад (Расми 2).




**Расми 2. – Алгоритми фаъолияти субъектҳои низоми пардохти миллӣ ва амалигардонии ҳадафҳои рушд**

Дар кори диссертатсионӣ қайд шудааст, ки Бонки миллӣ ҳамчун мақоми калидӣ ҷиҳати татбиқи принсипҳои асосии самаранокии низоми пардохт дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт баромад мекунад. Дар баробари ин, дар доираи таҷдиди қонунгузории кишвар такомули нақшаҳои амалии Бонки миллӣ ва дигар иштирокчиёни низоми пардохтии миллӣ дар ташаккул ва рушди низоми пардохт муҳим ба назар мерасад.

Дар айни замон, бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ тамоюли истифодаи васеъи зеҳни сунъиро нишон медиҳанд. Истифодаи самараноки зеҳни сунъӣ раванди хидматрасонӣ ба бозорҳои молиро соддатар ва камхарҷ мекунад. Тоҷикистон ҳанӯз барои истифодаи зеҳни сунъӣ дар низоми пардохт омода нест, ки эҷоди зерсохтори мувофиқ барои рушди ин шакли пардохтҳоро тақозо мекунад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки ташакули низоми пардохт метавонад минтақавӣ, миллӣ ва ё байналмилалӣ бошад. Низоми пардохти байналмилалӣ дар худ низомҳои пардохти миллӣ, низоми байнибонкии байналмилалии таҳвили иттилоот ва иҷрои пардохтҳо, инчунин, низоми байналмилалии интиқоли пулӣ ва кортҳои пардохтиро ифода менамояд. Дар санадҳои меъёрии байналмилалӣ клиринги байналмилалӣ ва низоми СВИФТ низ унсури низоми пардохти байналмилалӣ муайян шудаанд.

Дар диссертатсия дар заминаи таҳқиқот қайд карда шуда аст, ки дар давлатҳои ҷаҳон танзимкунандагони низоми пардохти миллӣ чун операторони инфрасохтори низоми пардохт амал намуда, кӯшиш менамоянд, ки ба аҳолию соҳаҳои бизнес хизмат ва васоити пардохтҳоро такмил диҳанд. Ҳамин тавр, дар 56 давлати ҷаҳон аз соли 2020 низоми пардохтҳои фаврӣ фаъол карда шудаанд. Давлатҳои Аврупо тавассути Бонки марказии Аврупо дар охири соли 2018 хизмати фаврии пардохтҳои аврупоиро (TIPS) татбиқ кардаанд. Дар Федератсияи Россия низоми пардохти шабеҳро дар солҳои 2023-2024 ба нақша гирифтаанд, ки таҳти унвони «FedNow» муайян шудааст. Бонки халқии Чин низ хизматрасонии махсуси ҳисоббаробаркуниҳоро (IBPS) барои савдои интернетӣ пешниҳод кардааст, инчунин барои ҳамкориҳои интиқолкунандаҳои хизматрасониҳои пардохтии бонкию ташкилотҳои ғайрибонкӣ инфрасохтори махсуси “Nets”-ро коркард намудааст. Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва татбиқи низоми пардохт аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифтани чунин навсозиҳои низоми пардохт зарур аст: ташаккули низоми пардохти миллӣ, ки хизматрасониҳои пардохтиро барои кулли соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ба таври ғайринақдӣ пешниҳод менамояд; вусъат бахшидани рақамикунонии амалиётҳои пардохтӣ ва низоми пардохт; коркард ва амалигардонии низоми пардохтҳои фаврӣ; рушди бозори пардохтии рақобатпазир ва ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои пардохтӣ; баланд бардоштани бехатарии низоми пардохти миллӣ тавассути таъмини бефосилагии фаъоли пардохтҳо ва киберамният; фароҳам овардани шароит ва мусоидати татбиқи инноватсия дар соҳаи пардохтҳо ва ғ.

**Гурӯҳи дуюми муаммоҳо,** ки дар диссертатсия баррасӣ мешавад бо асосҳои ташкилию танзимии низоми пардохти миллӣ алоқаманд мебошад.

Муаллиф иброз менамояд, ки пойдоршавӣ ва ташаккулёбии низоми пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷдиди низоми иқтисоди миллӣ вобаста буда, тайи 30 соли соҳибистиқлолии кишвар хусусиятҳои хос пайдо кардааст. Дар давраи муосири тараққиёт дар мамлакат механизмҳои пардохти мураккаб ва низоми пардохти дорои операторҳои мухталифи аз ҳам вобаста буда истифода шудаанд, ки рақобат ва ҳамкориро байни ташкилоти зиёди иштирокдор тақозо менамояд.

Аксари чорабиниҳои сиёсати молиявию қарзӣ дар самти рушд ва танзими низоми пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Миллии Тоҷикистон (БМТ) ба роҳ монда шудаанд. БМТ ба рушди низоми пардохт пайваста таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ташкили фаъолияти низоми самараноку боътимоди пардохт, ҳисоббаробаркунӣ, клиринг ва интиқоли пулиро дар кишвар танзим, назорат ва инчунин мустақиман иҷро мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 номгӯи операторҳои низоми пардохт иҷозатномаи фаъолияти ҳисоббаробаркунӣ ва хизматрасонии пардохтиро байни субъектҳои иқтисодӣ доранд. Дар байни ин низомҳои пардохт чортояшон низомҳои пардохтие мебошанд, ки операторонашон резидентҳои кишвар, яъне ширкатҳои молиявию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Дар ҷадвали 1, миқдор ва ҳаҷми пардохтҳо дар давраи солҳои 2018-2022 оварда шудааст, ки арзёбии рушди низоми пардохтро дар раванди амалӣ шудани пардохтҳо имкон медиҳанд.

**Ҷадвали 1. – Динамикаи миқдор ва ҳаҷми пардохтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Тағийрёбӣ 2022/2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Мутлақ, ҳазор адад | Нисбӣ, %, б.ф. |
| Миқдори умумии пардохтҳо (ҳазор адад), аз ҷумла: | 125331 | 124317 | 170202 | 204612 | 270642 | 145311 | 2,16 м. |
| Ҳаҷми умумии пардохтҳо (млрд. сомонӣ), аз ҷумла | 706,4 | 867,8 | 1225,5 | 1229,8 | 1499,3 | 792,9 | 2,1 м. |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкӣ мутобиқи солҳои 2018-2022 таҳия шудааст. (2018 – С. 90, 2019 – С.90, 2020 – С. 96, 2021 – С. 99, 2022 – С. 88-95)

Миқдори умумии пардохтҳо дар кишвар соли 2022 нисбати соли 2018 дар ҳаҷми 2,16 маротиба афзоиш ёфтааст. Қайд кардан зарур аст, ки миқдори умумии пардохтҳо тавассути бонкҳо, муносибатҳои мустақили муросилотӣ, инчунин тавассути БМТ ва суратҳисоби хазинадории марказии (СХМ) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМ ҶТ) амалӣ шудаанд. Ҳиссаи бонкҳо назаррас буда, аз 97,2 то 98,4 фоизи миқдори пардохтҳо ба бонкҳо рост меояд. Новобаста аз он, ки афзоиши миқдори пардохтҳо тавассути БМТ ва СХМ ВМҶТ дар солҳои 2018-2022 мушоҳида

мегардад, ҳиссаи БМТ ва СХМ ВМҶТ дар миқдори умумии пардохтҳо тадриҷан поён рафта, дар соли 2022 муттаносибан ба 0,9 ва 0,4 фоиз расидаанд, ки нисбати соли 2018 ба андозаи 0,5 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Таъкид карда шудааст, ки миқдори пардохтҳо наметавонанд тағйирёбии дақиқро дар соҳаи хизматрасониҳои пардохтӣ инъикос намоянд. Дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми умумии пардохтҳо низ афзоиш ёфта, соли 2018 ба 706,4 млрд сомонӣ баробар шудааст. Ин нишондиҳанда дар солҳои минбаъда низ афзоиш ёфта дар соли 2020 хеле назаррас мебошд. Зеро дар соли 2020 ҳаҷми пардохтҳо 1225,5 млрд сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2018 дар ҳаҷми 72 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи пардохтҳо тавассути бонкҳо бошад дар соли 2021 ва 2022 мутаносибан ба 71,4 ва 70,7 фоиз баробар буда, назар ба соли 2018 дар ҳаҷми 8,1 ва 7,4 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Дар асоси таҳлил муаллиф қайд кардааст, ки шумораи умумии суратҳисобҳои бонкӣ дар кишвар дар соли 2018 ба 3 517,2 ҳазор адад баробар буда, солҳои минбаъдаи таҳлилӣ тадриҷан афзоиш ёфтааст. Дар соли 2022 шумораи суратҳисобҳои бонкӣ дар кишвар ба 8443,6 ҳазор адад расидааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли 2021 наздик ба 2,4 млн адад афзоиш кардааст.

Қайд кардан зарур аст, ки суратҳисобҳои дастрасии фосилави доштаи шахсони воқеӣ низ дар давраи таҳлилӣ афзоиш ёфта, дар соли 2022 ба 6069,4 ҳазор адад расидааст. Ин нишондиҳанда наздик 70 фоизи суратҳисоби шахсони воқеиро ташкил медиҳад. Вале аз ҷониби муаллиф қайд шудааст, ки шумораи суратҳисобҳои дастрасии фосилавидоштаи шахсони воқеӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 ба андозаи 14,9 фоиз коҳиш ёфтааст.

Агар ба таркиби шумораи суратҳисобҳои дастрасии фосилавидоштаи шахсони воқеӣ назар кунем суратҳисобҳои дастарсидошта тавассути интернет ва телефони мобилӣ ҳиссаи хеле кам доранд. Дар соли 2022 шумораи суратҳисобҳои дастрасии фосилавидоштаи шахсони воқеӣ тавассути интернет 918,9 ҳазор ададро ташкил додааст, ки танҳо 15 фоизи суратҳисоби шахсони воқеиро дар кишвар ташкил медиҳанд. Инчунин қайд кардан зарур аст, ки шумораи суратҳисобҳои дастрасии фосилавидоштаи шахсони воқеӣ тавассути телефони мобилӣ дар соли 2022 ба 1648,2 ҳазор адад расидааст, ки 27 фоизи шумораи суратҳисобҳои шахсони воқеиро ташкил медиҳад. Аз ин нишондиҳандаҳои таҳлилӣ бармеоянд, ки шумораи суратҳисобҳои дастрасии фосилавидоштаи шахсони воқеӣ тавассути телефони мобилӣ ва интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан афзоиш менамоянд, вале дар соли 2022 танҳо 42,2 фоизи шумораи суратҳисобҳои шахсони воқеии дар кишвар фаъолбударо ташкил медиҳанд, ки дар оянда афзоишро талаб менамояд.

Барои арзёбии ташаккулёбӣ ва рушдии низоми пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои миқдори амалиётҳо ва пардохтҳо дар солҳои 2018-2022 дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2 – Динамикаи миқдор ва ҳаҷми амалиетҳо тавассути низомҳои пардохтии миллӣ ва хориҷӣ, дар мисоли шуъбаи минтақавии БМТ дар ш. Хуҷанд, ҳазор адад, млн сомонӣ[2]**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2022/ 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | воҳид/сомони | % |
| I | 18 237,0 | 51 565,6 | 67 395,5 | 94 364,1 | 127279,6 | 79601,1 | 5, 4 м. |
| II | 2 858,8 | 2 896,9 | 2 651,7 | 3 562,8 | 5 372,4 | 682,2 | 123,7 |
| III | 8 172,4 | 9 998,1 | 19 362,0 | 30 838,8 | 49 958,2 | 24 647,1 | 398,1 |
| IV | 2 294,2 | 2 601,6 | 2 875,0 | 5 238,9 | 7 354,2 | 3 101,9 | 145,2 |
| ***Эзоҳ:*** **I** –миқдори умумии амалиётҳо тавассути низомҳои пардохтии миллӣ, ҳазор адад; **II** - Миқдори умумии амалиётҳо тавассути низомҳои пардохтии байналмилалӣ, ҳазор адад; **III** - ҳаҷми умумии амалиётҳо тавассути низомҳои пардохтии миллӣ, млн; **IV** - ҳаҷми умумии амалиётҳо тавассути низомҳои пардохтии байналмилалӣ, млн сомонӣ. | | | | | | | |

**Сарчашма:** Маълумоти Шуъбаи минтақавии БМТ дар ш. Хуҷанд (Эзоҳ: нишондиҳандаҳо бе назардошти амалиётҳои низомҳои пардохти интиқоли фаромарзии маблағҳо).

Таҳлил нишон дод, ки қиёсан ба миқдори амалиётҳои пардохтӣ дар кишвар дар ин давра нишондиҳандаи низоми пардохти миллӣ "Корти миллӣ" хеле ночиз аст. Миқдори амалиётҳои тавассути низомҳои пардохти Осон, Атласпэй, Express Pay ва Пардохти фаврӣ анҷом ёфта, баръакси низоми пардохти Корти миллӣ мебошад. Агар дар соли 2021 миқдори амалиётҳо тавассути Осон, Атласпэй, Express Pay ва Пардохти фаврӣ 64 318 ҳазор ададро ташкил карда бошад, дар соли 2022 ба 55 818 ҳазор адад расидааст, ё 13,2 фоиз коҳиш ёфтааст. Инчунин дар ҳаҷми амалиётҳо низ коҳишёбӣ ба мушоҳида мерасад, ки 2,7 фоизро дар соли 2022 нисбат ба нишондиҳандаи соли 2021 ташкил додааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар хизматрасониҳои пардохтии операторони низоми пардохти дар боло зикршуда норасоиҳо мавҷуданд. Аз нишондиҳандаҳои низоми пардохти "Express Pay" маълум тамоюли коҳиш мушоҳида мешавад. Чунончӣ, ҳаҷми пардохтҳо дар соли 2022 ба 304 160,6 ҳазор сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2018 ба 9,3 фоиз ва нисбати солҳои 2020 ва 2021 мутаносибан ба 37,4 ва 31,0 фоиз камтар мебошад. Чунин вазъ дар ҳаҷми пардохти истифодабарандагони Интернет ва IP-телефонҳо, инчунин қабули пардохтҳо барои хизматрасониҳои қарзҳои бонкӣ низ мушоҳида мешавад. Дар давраи солҳои 2018-2022 нишондиҳандаи ҳаҷми пардохти низомҳои мазкур ба таври назаррас коҳиш ёфтааст.

Миқдори амалиётҳо бо кортҳои пардохтӣ аз соли 2018 то соли 2022 тадриҷан афзоиш ёфтааст, аммо дар соли 2022 нисбати соли 2021 коҳишёбӣ мушоҳида мешавад. Миқдори нуқтаҳои пардохти пули нақд бошад, кишвар дар байни солҳои 2018-2022 тадриҷан афзоиш ёфтааст. Вале, он ҳам дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 ба миқдори 51 адад коҳиш ёфтааст.

[2] Бинобар мавҷуд набудани итилоъти расмӣ оиди миқдор ва ҳаҷми амалиетҳо тавассути низомҳои пардохтии миллӣ ва хориҷӣ дар сатҳи фаромиллӣ, аз тарафи муаллиф фақат маълумотҳои расмии шуъбаи минтақавии БМТ дар ш. Хуҷанд истифода гардиданнд.

Таҳлил нишон дод, ки миқдори банкомат ва терминалҳо ба 10 000 нафар дорандагони кортҳои пардохтӣ дар солҳои таҳлилӣ тамоюли поёнравӣ дорад. Чунончӣ, дар соли 2012 миқдори банкомат ва терминалҳо ба 10 000 нафар дорандагони кортҳои пардохтӣ 22,7 ададро ташкил карда, соли 2021 ба 18,6 адад расидааст, ки 4,1 адад камтар аст. Баробари ин муайян шудааст, ки ҳангоми амалиётҳо тавассути кортҳо нақши калидиро нақдина кардани маблағ ташкил медиҳад. Зеро тавассути кортҳои пардохтӣ гирифтани пулҳои нақд аз 92,6 то 96,1 фоизи маҷмуи амалиётҳоро ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз коҳиш ёфтани миқдори бонкоматҳо ва нуқтаҳои пардохти пули нақд нисбат ба истифодабарандагони кортҳои пардохтӣ метавонад яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар таъмини инфрасохтори бозори хизматрасониҳои пардохтӣ бошад. Низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти кишвар тадриҷан такомулро тақозо менамояд, ки мутобиқ ба Консепсияи рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 амалӣ карда шавад. Дар самти идоракунии НПМ ба ақидаи муаллиф пеш аз ҳама истифодаи технологияи иттилоотӣ, шабакаи Интернет, таъмини амнияти иттилоотӣ, пардохтҳои электронӣ, миқдори банкомат ва терминалҳо ва дигар инфрасохтори НПМ дар меҳвари диқати мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти танзимкунанда (БМТ) ва операторони низоми пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гиранд.

**Гурӯҳи сеюми муаммоҳое**, ки дар кор таҳқиқ шудаанд бо асосҳои институтсионалии ташаккулу идоракунии низоми пардохти миллӣ алоқаманд мебошанд.

Дар диссертатсия такмили асосҳои институтсионалии низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ баррасӣ шудааст. Дар шароити муосир рақамикунонии иқтисодиёт барои эҷоди модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, ҳавасмандгардонии мубодилаи навъҳои мавҷуда ва рушди навъҳои нави истеҳсолот, таҳкими иқтидори содиротӣ ва қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ тавассути воридотивазкунӣ зарур аст.

Тоҷикистон дар рушди иқтисоди рақамӣ нисбат ба дигар кишварҳо хеле ақиб мондааст. Сабабҳои асосии он заминаи меъёрии нокифояи танзими татбиқи технологияҳои рақамӣ, камбудиҳои ҷиддӣ дар ташкили инфрасохтори рақамӣ ва таъмини дастрасии ҳамагон ба интернети фарохмаҷрой, набудани малакаҳои рақамӣ, фарҳанги сустинкишофёфтаи инноватсия ва сатҳи пасти талабот ба технологияҳои нав аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ, сатҳи начандон баланди маърифати молиявии аҳолӣ, камбуди сармоягузорӣ ба рақамикунонӣ, заъфи системаи идоракунии татбиқи лоиҳаҳои рақамӣ, сатҳи поини вобастагӣ аз истифодаи технологияҳои рақамӣ ва амсоли он ба шмуор меравад.

Дар раванди таҷдиди низоми пардохт ва хизматрасониҳои пардохтӣ дар кишвар, риояи принсипҳои пешниҳодкардаи Бонки умумиҷаҳонӣ ва Комитет оид ба пардохтҳо ва инфрасохтори бозор муҳим мебошад. Модернизатсияи НПМ бояд бо назардошти ҳамгироии системаҳои

пардохтӣ бо кишварҳои шарик амалӣ карда шавад. Инчунин таҷрибаи Федератсияи Русияро, ки солҳои охир дар соҳаи технологияҳои рақамӣ босуръат рушд кардааст, ба назар гирифтан лозим аст. Ҳамин тариқ, паҳншавии технологияҳои нав дар бахши молиявӣ дар солҳои 2018-2022 дар маҷмӯъ дар ҷаҳон ба 64% ва дар Федератсияи Русия ба 80% расидааст.

Баррасию таҳқиқи қонунгузории кишвар тақозо менамояд, ки барои такомули ҳуқуқи истеъмолгарони хизматрасониҳои пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд заминаи меъёрӣ фароҳам оварда шавад. Алгоритми такомули заминаи меъёрӣ барои тараққиёти НПМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 3 оварда шудааст.




**Расми 3. – Алгоритми такомулли заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти НПМ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба ақидаи муаллиф беҳтар кардани шароитҳои НПМ боиси он мегардад, ки рақобатпазирии он боло рафта, моделиояндаи тараққиёти низоми пардохт ва алгоритми татбиқи он коркард шавад. Инчунин кортҳои пардохтии локалӣ ба шакли универсалӣ такмил ёфта, тадриҷан НПМ Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти минтақавию ҷаҳонӣ касб менамояд.

Дар кори таҳқиқотӣ нишондиҳандаҳои пешгӯишудаи ҳаҷми пул ва пардохтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст, ки натиҷаи он аз ҷадвали 4 мушоҳида мешавад.

**Ҷадвали 4. - Нишондиҳандаҳои асосии макроиктисодӣ дар давраи солҳои 2021-2030 мутобиқи пешбинии СМР-2030** *(бо нархҳои соли 2022)*

| Нишонди-ҳандаҳо | А | Б | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
| **I** | 98,9 | 115,0 | 124,0 | 133,7 | 145,6 | 158,5 | 172,6 | 188,0 | 204,7 | 224,3 |
| **II** | 7,8 | | | | 8,9 | | | | | 9,6 |
| **III** | 44-46 | | | | 48-50 | | | | | 52-56 |
| **IV** | 22 214,9 | 25226,8 | 27 990,8 | 30 754,7 | 33 518,6 | 36 282,6 | 39 046,5 | 41 810,4 | 44 574,4 | 47 338,3 |
| **V** | 22 214,9 | 22 784,9 | 25 109,2 | 27 433,5 | 29 757,8 | 32 082,1 | 34 406,4 | 36 730,7 | 39 055,0 | 41 379,3 |
| **VI** | 1377,8 | 2 079,1 | 2 397,8 | 2 716,5 | 3 035,1 | 3 353,8 | 3 672,5 | 3 991,2 | 4 309,8 | 4 628,5 |
| **VII** | 1229,8 | 1 426,9 | 1 588,4 | 1 750,0 | 1 911,5 | 2 073,1 | 2 234,6 | 2 396,2 | 2 557,7 | 2 719,3 |

**Эзоҳ: А** – маълумоти воқеӣ; **Б -**ояндабинӣ; **I -** ММД (млрд. сомони); **II -** суръати афзоиши воқеии ММД ба ҳисоби миёна; III - сатҳи монетизатсияи пулӣ; IV - ҳаҷми умумии пулҳои нақлию ғайринақдӣ; **V** - ҳаҷми пулҳои нақд; **VI** - ҳаҷми пулҳои ғайринақдӣ; **VII** – ҳаҷми умумии пардохтҳо (млрд. сомонӣ).

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои СМР то давраи соли 2030 ва модели таназзулёбандаи пешгӯикунӣ (формулаи 3.1.1.) ҳисоб шудааст

Таҳлил нишон дод, ки дар давраи солҳои 2022-2030 ҳаҷми умумии пулӯҳои нақдию ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба нишондиҳандаи соли 2021 дар ҳаҷми 2,1 маротиба афзоиш меёбад. Вале дар ин давра мутобиқи пешгӯии анҷомдода ҳаҷми МУД дар кишвар 2,3 маротиба афзоиш меёбад, ки аз афзоиши ҳаҷми пулҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 фоиз бештар аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраи пешгӯишуда метавонад ҳаҷми пулҳои нақдию ғайринақдӣ дар кишвар боз ҳам афзоиш ёбанд.

Ҳаҷми пардохтҳо дар давраи пешгӯишуда назар аз 1 229,8 млрд. Сомонӣ, соли 2021 то ба 2 719,3 млрд. сомонӣ дар соли 2030 баробар мегардад, ки 2,2 маротиба афзоиш хоҳад ёфт. Вале, ин метавонад барои ноил нашудан ба нишондиҳандаҳои монетизатсия, ки дар СМР-2030 муайян шудаанд монеа гардад. Зеро назар ба МУД дар кишвар ҳаҷми пардохтҳо афзоиши камтар доранд. Дар кори диссертатсионӣ оиди ин самт тавсияҳои мушаххас пешниҳод кардааст.

Дар таҳқиқот такомули унсурҳои НПМ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст (расми 4).

**НПМ дар шароити ташаккулёбии иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | |
|---|---|
